*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 16 (4756) | ҶУМЪА, 2 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Бо мақсади самаранок ба роҳ мондани корҳо дар самти рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва ташкилу назорати корҳои ободониву кабудизоркунӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ таъсис дода шавад (замима мегардад).

2. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо роҳбарии яке аз муовинони раис аз ҳисоби роҳбарони воҳидҳои сохтории дахлдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, вакилони маҷлисҳои вакилони халқ, фаъолони дигари вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо гурӯҳҳои кории доимоамалкунанда таъсис диҳанд.

3. Гурӯҳҳои кории тибқи бандҳои 1 ва 2 таъсисёфта вазифадоранд, ки нақшаҳои чорабиниҳои алоҳида таҳия ва тасдиқ намуда, барои тақвият бахшидани корҳо дар самти рушди сайёҳӣ ва назорати раванди амалишавии барномаву нақшаҳои бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, косибӣ, касбу ҳунаромӯзии шарҳвандони мамлакат, ташкилу назорати корҳои ободониву кабудизоркунӣ, тозаву озода нигоҳ доштани маҳалҳои аҳолинишин, ҳифзи табиат, истифодаи самаранокӣ заминҳои президентӣ ва наздиҳавлигӣ, ташкили фаъолияти маҳалу растаҳо ва гӯшаҳои ҳунармандӣ дар шаҳру ноҳияҳо чораҷӯйӣ намоянд.

4. Роҳбарони гурӯҳҳои корие, ки тибқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2022, №АП-188 ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вобаста шудаанд, ба корҳои ободонию созандагӣ ҷалб гардида, ба гурӯҳҳои корӣ ҷиҳати иҷрои супориш ҳамаҷониба мусоидат намоянд.

5. Гурӯҳҳои кории доимоамалкунандаи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз натиҷаи корҳои анҷомдода ҳар семоҳа ба Кумитаи рушди сайёҳӣ маълумот пешниҳод намоянд.

6. Кумитаи рушди сайёҳӣ аз рафти корҳои анҷомдода ҳар семоҳа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 31 январи соли 2024,**
**№ АП-507**



**Замима**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 31 январи соли 2024, № АП-507**

**ҲАЙАТИ ГУРӮҲИ КОРИИ ҶУМҲУРИЯВӢ**

- роҳбари гурӯҳи корӣ - муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа);
- муовини роҳбари гурӯҳи корӣ - раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- котиби масъули гурӯҳи корӣ – муовини якуми раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**АЪЗОИ ГУРӮҲ:**

- муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини директори Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
- муовини раиси вилояти Суғд;
- муовини раиси вилояти Хатлон;
- муовини раиси шаҳри Душанбе;
- муовинони раисони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ.

## ШАРҲИ АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### «Дар бораи таъсис додани гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ барои рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва ташкилу назорати корҳои ободониву кабудизоркунӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо»

Дар замони муосир сайёҳӣ яке аз бахшҳои иқтисоди кишвар буда, солҳои охир босуръат рушд карда истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мероси ғании таърихиву фарҳангӣ ва захираҳои табиӣ аст, ки заминаи устувори рушд барои сайёҳӣ буда, соҳаи мазкур ба сифати манбаи боэътимоди рушди иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ мегардад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сайёҳиро соҳаи афзалиятноки кишвар эътироф намуда, барои рушду пешрафти он тамоми тадбирҳоро роҳандозӣ намуда истодааст.

Бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2018 бо мақсади пешбурд ва оммавигардонии соҳаи сайёҳӣ «Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030» қабул гардида, татбиқи он марҳала ба марҳала роҳандозӣ шуда истодааст.

Аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардида буд, ки ин тадбир барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат такони ҷиддӣ бахшида, ба афзоиши бесобиқаи ташрифоварии сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон мусоидат намуд.

Узвияти Тоҷикистон ба Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, пазируфта шудани пойтахти Ватанамон - шаҳри Душанбе ба узвияти Федератсияи умумиҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ, эълон гардидани шаҳри Душанбе - пойтахти сайёҳии кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 2020-2021, ба рӯйхати ЮНЕСКО дохил гардидани мавзеи таърихии «Саразм», «Боғи миллӣ» ва мероси ғайримоддии фарҳангии «Чакан - санъати гулдӯзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Иди Наврӯз», «Оши палав» ва «Мусиқии Шашмақом» далели ин гуфтаҳо буда, симои сайёҳии Тоҷикистон ба ҷаҳониён муаррифӣ ва машҳур гардид.

Мавриди зикр аст, ки бо ташаббус ва дастгириҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон симои сайёҳии Ватани маҳбубамон мувофиқи иттилои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва шабакаҳои хабарии ҷаҳонӣ мавқеи намоёнро дар арсаи байналмилалӣ касб намудааст.

Инчунин, дар соли 2023 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози амнияту субот ва эътимоду боварии шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар байни 142 давлати ҷаҳон аз раддабандии солонаи ҳуқуқ ва тартиботи Пажӯҳишгоҳи амрикоии «Gallup» дар ҷойи якум қарор гирифтааст.

Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар гӯшаю канори мамлакат силсилаи иншооти инфрасохтории соҳаи сайёҳӣ, боғу гулгаштҳо ва биноҳои хуштарҳу замонавии дорои аҳамияти фарҳангию иҷтимоӣ, меҳмонхонаю тарабхонаҳои муосиру замонавӣ бунёд гардида, кишвари азизамонро ба яке аз маконҳои зебову дидании сайёра табдил додааст.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар соли 2023 шумораи сайёҳони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, ба 1 миллиону 201 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 20 фоиз зиёд мебошад.

Ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ ба роҳ мондани корҳо дар самти рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва ташкили назорати корҳои ободонию кабудизоркунӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, пурзӯр намудани кор дар самти рушди сайёҳӣ ва раванди амалишавии барномавию нақшаҳои бунёди инфрасохтори сайёҳии мамлакат мебошад.

**www.prezident.tj**

## ҚАДРДОНИИ ФУТБОЛБОЗОНИ ТОҶИК

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо назардошти натиҷаҳои фараҳбахш ва дастовардҳои бузург дар «Ҷоми Осиё - 2023» тими мунтахаби мамлакатро бо 450 ҳазор доллари амрикоӣ қадрдонӣ намуданд.**



Тавре аз сомонаи расмии Федератсияи футболи Тоҷикистон бармеояд, баъди бомуваффақона ба даври чорякниҳоӣ баромадани футболбозон бо фармоиши махсуси Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба дастаи мунтахаби Тоҷикистон 300 ҳазор доллар мукофотпулӣ ҷудо гардид. Илова бар ин, Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон пас аз ғалабаи тими миллии мамлакат дар даври ҳаштякниҳоии «Ҷоми Осиё - 2023» бар Аморати Муттаҳидаи Арабӣ (бо ҳисоби умумии 1:1, 5:3 аз рӯи силсилаи зарбаҳои 11-метра) ба дастаи футболбозони тоҷик боз 150 ҳазор доллари дигар ҷудо намуданд.

Инчунин, дар даври чорякниҳоии «Ҷоми Осиё - 2023» дар ҳолати ғалаба бар тими мунтахаби Урдун барои дастаи мунтахаби Тоҷикистон боз 200 ҳазор доллари иловагӣ ҷудо хоҳад шуд. Дар сурати дар даврҳои минбаъда, махсусан даври ниҳоии «Ҷоми Осиё - 2023» бомуваффақона бозӣ намудан ва ба пирӯзиҳо ноил гардидан ба дастаи мунтахаби Тоҷикистон оид ба футбол мутаносибан мукофотҳои шоиста ва сазовор тақдим карда мешавад.

Мунтахаби Тоҷикистон бори нахуст аст, ки дар қисми ниҳоии Ҷоми Осиё бозӣ карда, бо роҳ ёфтан ба даври чорякниҳоии мусобиқот аллакай ин дастоварди назаррасро дар таърихи варзиши мамлакат бо ҳарфҳои заррин сабт намуд.



Мавриди зикри хос аст, ки дар даври чорякниҳоӣ дастаи мунтахаби мамлакат имрӯз, 2-юми феврал, соати 16:30 ба вақти Душанбе бо дастаи мунтахаби Урдун қувваозмоӣ менамояд.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

## МУЛОҚОТИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

**31-уми январи соли 2024 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парвиз Шодизода дар Литсейи техникӣ, Донишкадаи омӯзгорӣ ва Коллеҷи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент бо интихобкунандагон мулоқот намуд.**

Зимни мулоқот вакили Маҷлиси намояндагон таъкид намуд, ки Пешвои миллат дар Паёми имсолаашон самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро мавриди таҳлил қарор дода, баҳри рафъи камбудиҳои ҷойдошта дастурҳои мушаххас доданд.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҳуҷҷати стратегӣ мебошад, ки афзалиятҳои рушди кишварро муайян намуда, тавсияҳои муҳимро барои иҷрои ин вазифаҳо пешниҳод мекунад.

Парвиз Шодизода, ҳамчунин, вобаста ба ҳадафҳои неку созандаи Ҳукумат ва давлат, татбиқи қарорҳои Маҷлиси намояндагон, аз ҷумла истифодаи сарфакоронаи неруи барқ, самаранок истифода бурдани қитъаи замини наздиҳавлигӣ, гирифтани се - чор ҳосил аз заминҳои корам, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, омода кардани хонандагон ба озмуну мусобиқаҳои фаннӣ, риояи фарҳанги миллии либоспӯшӣ, пешгирӣ кардани таҳсилоти ғайрирасмии динии ҷавонону наврасон, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб кардани шаҳрвандони аз 18-сола боло, инчунин, таҳкими дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз ибрози назар намуд.

Сипас, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мурод Шукурзода оид ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон шудани соли 2024 ибрози намуд, ки мақсади пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин аст, ки ҳар як фарди ҷомеа бояд зарурати риояи бечунучарои қонунро амиқ дарк намояд ва итоат ба қонун бояд ба одати ҳар як шаҳрванд табдил ёбад, он гоҳ маърифати ҳуқуқӣ ба миён меояд.

**31-уми январ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ дар шаҳри Хуҷанд зимни мулоқотҳо бо интихобкунандагон таъкид дошт, ки дар низоми муосири давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати муҳими расмӣ, барномавӣ ва муайянкунанда буда, яке аз омилҳои муҳими рушди иҷтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсӣ, пешниҳоди барномаи мукаммали кории тамоми ниҳодҳо ва қутбнамои ҳаракати устувори ҷомеаи мо ба сӯйи ояндаи дурахшон мебошад.**

Дар Паём дар баробари дигар соҳаҳо, масъалаҳои иҷтимоӣ, бахусус тандурустӣ, мавриди таҳлили амиқ қарор дода шуд. Зикр гардид, ки соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъмин намудани солимии аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ҳамаи чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд. Маблағгузории соҳа мунтазам зиёд шуда, вазъи таъмини муассисаҳои тиббии кишвар бо таҷҳизоти ҳозиразамон ва неруи кадрӣ сол ба сол беҳтар мегардад.

Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар соли 2023 қабул гардидани «Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2040» ва «Барномаи маҷмӯии давлатии тайёр намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030» ба ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҷойдошта мусоидат менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши табиии аҳолӣ аз ҳисоби зиёд шудани таваллуд ва паст гардидани фавт дар замони соҳибистиқлолӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна 2,1 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар ин давра шумораи фавт ба ҳисоби 1000 нафар аҳолӣ аз 6 нафар дар соли 1991 то 3 нафар дар соли 2023 паст гардида, умри миёнаи аҳолии мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 6 сол афзоиш пайдо кардааст.



Раиси шаҳри Хуҷанд Фирдавс Шарифзода ва вакили Маҷлиси намояндагон Мавсума Муинӣ дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр рӯзи қабули шаҳрвандонро баргузор намуданд, ки дар он рӯз 35 нафар шаҳрвандон вобаста ба масоили кумаки муолиҷавӣ, дастгирии ҳунарҳои мардумӣ, баҳси замин, ободии маҳал, таъмин бо ҷойи кор ва ғайра муроҷиат намуданд. Ба масъулини дахлдор ҷиҳати сари вақт баррасӣ намудани муроҷиатҳо дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Зимни мулоқоти навбатӣ вакили Маҷлиси намояндагон Мавсума Муинӣ дар Донишкадаи политехникии шаҳри Хуҷанд роҷеъ ба нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумоти муфассал дода, аз ҷумла афзуд, ки Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ зикр намуданд, ки соли 2023 барои Тоҷикистон, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он - хушксолию камобие, ки солҳои охир дар минтақа идома дорад, ба шарофати заҳмати аҳлонаю содиқонаи мардуми сарбаланди кишвар боз як соли бобарор гардид.

Дар ин давра даромади пулии аҳолӣ 3,3 баробар афзоиш ёфта, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112,7 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расид.

Дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999-ум ба андозаи 62 фоиз дар соли 2023 паст карда шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади идома додани ин раванд ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуд, ки ҷиҳати дар ҳафт соли минбаъда то ба 10 фоиз паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои мушаххасро амалӣ намояд.

Дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаю коргоҳҳои истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншооти соҳаи маориф, 1213 муассисаи тандурустӣ, 11,5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду навсозӣ карда шуданд.

Инчунин, ҳоло дар мамлакат боз 724 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 152 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, дар зарфи солҳои истиқлолияти давлатӣ амалисозии нақшаю барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон дод, ки дар кишвар беш аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ сохта ба истифода дода шавад.

- Танҳо пас аз барқарорсозии сулҳу субот ва роҳандозии фаъолияти бонизоми соҳаҳои фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ мо имконият пайдо кардем, ки ба масъалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат машғул шавем. - таъкид намуд вакил.

Мавсума Муинӣ дар фарҷом ба саволҳои интихобкунандагон ҷавобҳои мушаххас доданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ба Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мукофотонидани 68 ғолиб ва ҷоизадори мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо тибқи рӯйхати замимагардида 1462500 (як миллиону чорсаду шасту ду ҳазору панҷсад) сомонӣ ҷудо намояд.

2. Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи саривақтӣ ва мақсадноки маблағҳои ҷудошударо таъмин карда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи хароҷоти анҷомдодаро пешниҳод намояд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 31 январи соли 2024, № АП-508**

# ШАРҲИ АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи сарфароз гардонидани ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ бо Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»

**Барои ҳавасмандгардонии ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид, ки тибқи он, барои қадршиносии 68 нафар ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо 1462 500 (як миллиону чорсаду шасту ду ҳазору панҷсад) сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст.**

Ин қадршиносии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири рушди варзиш ва ҳавасмандгардонии варзишгарони баору номуси Тоҷикистон буда, бори дигар собит менамояд, ки рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамеша дар мадди назари Сарвари давлати Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Дар ҷаҳони муосир варзиш ба василаи муҳимтарини таъмини сулҳ ва ҳамзистии ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, тавассути он давлатҳо ва халқу миллатҳо мақом ва нуфузи байналмилалии худро ҳифз намуда, аз ҳувияту шарафи худ дифоъ менамоянд.

Варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ аз ҷумлаи арзишҳои таърихии фарҳанги миллии мо ба шумор рафта, ҳанӯз аз замонҳои қадим тоҷикон дорои намудҳои гуногуни бозиҳои миллии варзишӣ буданд ва ба он майлу рағбати беандоза доштанд.

Дар фарҳанги миллии мо варзиш рамзи ҷавонмардӣ ва шуҷоату далерӣ шинохта шуда, наврасону ҷавонон ба таври оммавӣ ба машқварзӣ ҷалб карда мешаванд.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ варзиш дар сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷойгоҳи шоиста касб намуда, ҷиҳати омода намудани варзишгарони касбӣ аз рӯйи ҳамаи намудҳои варзиш шароити зарурӣ фароҳам гардидааст. Бо дарназардошти ин, соҳаи варзиш яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ба оммавигардонии варзиш, таҳким бахшидани тарзи ҳаёти солим ва омодасозии варзишгарони касбии тоҷик барои иштирок дар мусобиқаҳои байналмилалӣ равона гардидааст.

Дар заминаи шароити муҳайёшуда варзишгарони кишвар тавониста истодаанд, ки мақом ва шарафи кишварамонро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳифз созанд ва онро ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.

Ҳанӯз 9 январи соли 2015 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ» ба тасвиб расида буд, ки тибқи он соли ҳаштум аст ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ бо ҷоизаи мазкур қадршиносӣ мегарданд.

Ин аст, ки соли 2023-юм 1178 нафар варзишгар, аз ҷумла 210 бонуи узви дастаҳои мунтахаби Тоҷикистон ба 112 мусобиқаи сатҳи байналмилалии варзишӣ сафарбар гардида, дар натиҷа ба хазинаи варзишии кишвар 701 медал, аз ҷумла 203 тилло, 188 нуқра ва 310 биринҷӣ, ворид намуданд.

Ҳадафи асосӣ аз амалӣ кардани сиёсати давлат дар соҳаи варзиш, пеш аз ҳама, тарбия намудани насли худшиносу худогоҳ, донишманду созанда, соҳибмаълумоту соҳибкасб, аз лиҳози ҷисмонию маънавӣ обутобёфта ва бо ҳамин роҳ ба вуҷуд овардани заминаи боэътимод барои ҷомеаи тавонои Тоҷикистон мебошад.

**www.prezident.tj**

Ҷашни меҳру фаровонӣ

# САДА. АЗ УСТУРАВУ БОВАРҲО ТО ҶАШН

**Сабаби пайдоиши Сада оташ аст, ки ба шакли озар, отару атар, алов, гулхан дар манбаъҳо ва гуфтори мардум вуҷуд дорад. Дар баробари обу боду хок аз унсурҳоест, ки боиси ҳастӣ шинохта мешавад.**

Оташ барои мардуми ориёӣ падидаи муқаддас аст, ки қабл аз замони Пешдодиён барояш маросим баргузор намуда, то ба замони давлатдории Сомониён арҷ ниҳода мешуд ва мавриди ситоишу ниёиш қарор мегирифт. Дақиқтар аст, агар талқин кунем, ки аз замонҳои хеле дур инсонҳо ба оташ дилбастагӣ пайдо карданд. Аз замони асри санг, ки одам роҳ гаштан омӯхт. Он овон шояд моҳияти оташро бо тафаккуру шуур намешинохтанд, аммо муҳимияташро ҳар лаҳза эҳсос мекарданду василаи наҷот мепиндоштанд. Воқеият аст, ки бе оташ зиндагӣ рангу бору бӯ надорад, балки вуҷуд нахоҳад дошт. Аз неру ва тавони оташ аст, ки устураҳоро бе ҳузури оташ наметавон тасаввур кард. Сифати он аз устура ба дин интиқол шуд. Дар ҳамаи динҳои олам (яҳудӣ, масеҳӣ, ислом) ҷойгоҳи он хеле баланд аст. Хоса, дар оини зардуштӣ. Дар китоби муқаддаси зардуштиён, матнҳои паҳлавӣ, осори замони ҳахоманишӣ, ашконӣ, кушонӣ, даврони Сомониён аз ситоишу ниёиши оташ маълумот фароҳам аст. Аз даврони густариши зардуштия оташ ҳамчун унсури ҳаётбахш ва сарчашмаи рӯшанию гармӣ, покию назофат, мабдаи неруҳои аҳуроӣ пазируфта шуд. Чунонки аз таълимоти зардуштӣ бармеояд, оташро Зардушт аз биҳишт бо амри Аҳурамаздо ба ин дунё оварда, асоси оламро муборизаи ду қувва: некӣ ва бадӣ, росту дурӯғ ва рӯшанию зулмот ташкил медиҳад. Ситоиши оташ аз афзалиятҳои оини зардуштӣ буда, рамзи адолати Яздон – Арта пазируфта мешуд.

Дар осори пешин дар боби гунаҳои оташ, анвои оташ (оташкада), оташи чаҳоршанбеи сурӣ, оташи ҷашни Сада, оташи шабу субҳи Наврӯз, оташи шаҳриваргон, оташи озаргон, аловпарак, гардондани арӯсу шаҳ ба даври оташ ва ғайра вомехӯрем. Ҳамчунин, номҳою масалу мақол ва дуои бад бо пайвандӣ ба оташу алов дорем. «Оби оташбор», «Дар дил оташ афтодан», «Дар сарат алов», «Худо хокистарат кунад», «Дар ҳар буттае, ки оташ афтодааст, худаш месӯзад (медонад)», «Дар алови дӯзах Худо бисӯзӣ», «Хоната Худо бисӯзад» ва ғайра аз ҳамон қабиланд. Ин ҳама ба сифатҳои баду неки оташ вобастагӣ доранд.



Устура бо таърихи аҷдод пайванди ногусастанӣ дорад. Ҳамчун намунаи ибтидоии шарҳпардозии воқеоти оламу одам ба онҳо арҷ мегузорем. Рӯзгори онон бо набарду пайкорҳои заминӣ анҷом намехӯрд. Онҳо ҷангу муқовиматро дар само миёни худоён месохтанду мебофтанд ва мисоли рӯшанашро дар муборизаи рӯшанӣ ва торикӣ, хубу бад дар намунаҳои тулӯи хуршед, раъду барқ мушоҳида мекарданд, ки он воқеият буд дар либоси тахайюл ва тафсилоташ ба гунае буд, ки ин замон асотир унвон гирифтааст. Дар ҳамин маврид Казозӣ чунин менависад: «Таърих паҳнаи намудҳост ва устура густурдаи намодҳо. Намудро ба осонӣ метавон дарёфт, лек намод чандсӯя ва печидааст».

Ба ҳар ранге, ки тафсир кунанд, пажӯҳишгарон дар андешаанд: «Башар имрӯз ниёзманди ҳифзи асотир аст». Аз назари К. Г. Юнг фарҳанге, ки иртиботашро бо архетип гум кардааст, маҳкум ба марг мебошад, фақат сохтори архетипҳо инсонро ба сарчашмаи фарҳангаш, замони оғозин бармегардонад, ҳаводиси пешинро зинда месозад ва имрӯзро маъно мебахшад.

Дарвоқеъ, ҳикояпардозиҳо хеле зебоанд. Ситоиши оташ аз офтоб берун ҷаҳида аст. Онро тимсоли офтоб – мазҳари рӯшанию гармӣ дар рӯи замин донистаанд. Яъне, пайвандии ду падида ҳама давру замон вуҷуд доштааст. Оташ офтоби рамзӣ аст ва хонаободӣ. Дар мардумони олам аз офтоб парастиши бузург ва неруи тавоно вуҷуд надоштааст. Вобаста ба хосиятҳои табиии офтоб ва гардиши бомароми чархи фалак эътиқодоти мардум ба офтоб тағйир намеёфт. Аз тарафи дигар, таълимоти ақвоми ориёӣ сабаб шуд, ки парастиши офтоб густурдатар шавад.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# АСАРЕ, КИ БИДУНИ ЭҲСОСОТ МУТОЛИА НАМЕШАВАД




**Академик Бобоҷон Ғафуров аз зумраи фарзонафарзандони миллат, шахсияти бузург, олими бонуфуз, муаррихи беназир ва яке аз сарварони тавонои сиёсии кишвари тоҷик шинохта ва эътироф гардидааст. Дар ин радиф Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири арҷ гузоштан ба заҳмату хизматҳои аллома Бобоҷон Ғафуров чунин изҳор намуда буданд: «Хушбахтона, чунин шахсиятҳо дар таърихи тамаддуни миллати тоҷик кам нестанд, ки онҳо ифтихори на танҳо миллати мо, балки боиси сарфарозии тамоми мардуми олам гардидаанд».**

Барои ҳамагон маълуму возеҳ аст, ки муаррихи барҷаста Бобоҷон Ғафуров дар замони бақои давлати шуравӣ баъд аз адиби забардасти адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ ба таври хеле фароху густурда ва арзандаю назаррас ба пажӯҳишу таҳқиқи таъриху тамаддуни халқи тоҷик пардохтаанд. Яъне, муаррих ва муҳаққиқи беназири миллат Бобоҷон Ғафуров дар замони зиндагии хеш, дар як марҳилаи нави рушду такомули илму фарҳанги миллат, маҳз мавзуи тоҷику тоҷикшиносиро рушду тавсеа бахшиданд, зеро он солҳои мураккабу тақдирсоз баррасӣ намудани ин мавзуи ниҳоят ҳассосу муҳим тақозои ҷиддии давру замон буд ва нахустин маҳсули эҷоди самарбору назарраси ин марҳалаи душвори таърихи миллат интишори асари шоистаи «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» маҳсуб меёбад. Ростӣ, ин асарро бидуни ҳаяҷону эҳсосоти махсус мутолиа намудан ғайриимкон аст ва сараввал, бо ҳидояти устодон аз солҳои донишҷӯӣ ин асари таърихиро гаштаю баргашта мутолиа мекардем ва пеш аз ҳама, барои чунин иқдоми бузург, меҳру муҳаббати самимиашон нисбати таърихи куҳани халқи тамаддунофари тоҷик, заковату дониши табиӣ, ҷасорату масъулияти бузург ва хизматҳои наҷибу бузургашон назди миллат арҷ мегузоштему барояшон офарину аҳсан мехондем.

«Таърихи мухтасари халқи тоҷик», ин китоби арзишманди Бобоҷон Ғафуров бори аввал соли 1947 дар шаҳри Сталинобод нашр гардида, баъдан дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия се маротиба ба нашр мерасад. Асари мазкур ҳатто ба дарёфти Ҷоизаи давлатии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ пешбарӣ гардидааст, ки ин аз арзиши баланди илмию сиёсии китоби мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Бобоҷон Ғафуров бо интишори ин асар бо асноду далели муътамад собит намуданд, ки миллати тоҷик яке аз куҳантарин бошандагон ва соҳибону ворисони аслии ин марзу бум ва ин сарзамин мебошанд. Зимни мутолиаи асар боз он нукта бештар таваҷҷуҳангез буд, ки асари мазкур таърихи на танҳо тоҷикони ҷумҳурӣ, балки тамоми ҳаммиллатони моро, ки дар гӯшаю канори дунё ба сар мебаранд, фарогир аст.

Муаррихи забардаст Бобоҷон Ғафуров ҳамеша пайи ҷустуҷӯйҳои илмӣ-эҷодӣ қарор доштанд ва назди худ мақсад гузошта буданд, ки барои таърихи гузаштаи халқи азизи худ дар ниҳоят як шоҳасари мукаммале таълиф намоянд. Пас аз омӯзиш ва ранҷу заҳматҳои зиёд ин шоҳасар офарида шуд ва соли 1972 китоби безаволи «Тоҷикон» дар Москва нашр гашт. Яъне, олими тавоно ва арбоби намоёни давлатӣ Бобоҷон Ғафуров ба мақсади неку бузурги хеш ноил гардиданд.

Офаридану эҷоди ин шоҳасар, албатта, кори саҳл набуд ва нашри китоби безаволу беназири «Тоҷикон» барои ҳаммиллатону ҳамдиёронамон як рӯйдоди муҳими таърихӣ маҳсуб мешавад.

Зимни мутолиаи асар фикру хаёлҳои мухталиф касро ноаён думболагир мешаванд ва ба дуриҳои дур мебаранд. Қабл аз ҳама, кас ба андеша меравад, ки оё дар он замони тоқатфарсо, марҳалаи мураккабу ноумедӣ, даврае, ки ба ном идеяи интернатсионализм шуури аксар роҳбарони дар догмаю карахтӣ қарордоштаро комилан иҳота карда буд, дар заминаи эҳёи таърихи миллат ва худшиносии миллӣ ташаббусҳо нишон додан оё имкон дошт? Магар дар чунин замони тираю тор, айёме, ки ба касе тараҳҳум раво дониста намешуд, аз тарафи роҳбари мақоми аввали мамлакат рӯйи даст гирифтани омӯзишу баррасии мавзуи таъриху тақдири миллат оё худ як корнамоӣ ва қаҳрамонии ҳақиқӣ набуд? Он замон инсонҳои бегуноҳи зиёдеро бо туҳматҳои бардурӯғи «миллатчӣ» ва «хоини давлат» бадарғаю маҳбас намуда, бо азобу қинкунӣ аз байн мебурданд. Яъне, он солҳо танҳо як идда сарварони воқеан ватандӯсту халқпарвар метавонистанд бо як ҷасорати махсус ба иҷрои чунин иқдомоти нек бипардозанду камари ҳиммат банданд, зеро он айём афкори муфид, сухани нафъовар ва ташаббусҳои созанда на танҳо дастгирӣ намеёфт, балки ба таври ҷиддӣ саркӯб мешуд.

Мебояд гуфт, ки «Тоҷикон», ин шоҳасари безавол аввалин пажӯҳиши дақиқу саҳеҳ ва ниҳоӣ роҷеъ ба таърихи куҳани халқи мо буд ва ин асар он айём ҳамчун нури дурахшони хуршеди оламтоб умеду боовариро ғайриихтиёр дар қалбҳои ҳаммиллатони мо аз нав эҳё намуд. Акнун дар зеҳну ниҳоди мардуми тоҷик эҳсоси гуворои ватандорӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ вусъату равнақи тоза пайдо намуд. Яъне, интишори ин асари беҳамто дар ҳамон вазъи ниҳоят муташанниҷу замони тақдирсоз аз эҳсоси баланди ватанпарварӣ, миллатдӯстӣ, нотарсию далерӣ ва масъулиятшиносии баланди академик Бобоҷон Ғафуров гувоҳӣ медиҳад.

Устод Бобоҷон Ғафуров бо ин иқдоми шоиста, пеш аз ҳама, номи миллати тоҷикро ҷовидона гардонданд ва шоҳасари «Тоҷикон» нахустин китоби тадқиқотии хеле мукаммалу фарох оид ба таъриху фарҳанги миллати тоҷик дониста шуд. Мо акнун метавонем бидуни ягон тардиду шубҳа таҳқиқи амиқи таърихи қадимаи халқамонро аз ин шоҳасар шурӯъ намоем ва омӯзишу мутолиаи ин асари таърихӣ на танҳо фаҳмишу донишамонро нисбати таърихи халқамон афзун месозад, балки моро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, қадршиносӣ, хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ, пос доштани расму оин ва маросиму анъанаҳои неки ниёгон тарбия менамояд. Мутолиаи ин асари таърихӣ моро ташвиқу талқин менамояд, ки аз ниёгони худ дарсу сабақ бигирем, гузаштагони худро хуб бишносем, ба ҳодисаю воқеаҳо баҳои ҳаққонӣ диҳем, барои миллат содиқона хидмат намоем, баҳри ҳифзи ному нанги миллат ҷонфидо бошем ва дар пешрафту тараққии кишвари худ саҳмгузорӣ намоем. Дар ин ҳошия мутафаккире барҳақ чунин фармудааст: «Омӯхтани таърих танҳо ба хотири донистани маҷмӯи ҳодисаю воқеаҳои гузашта нест, балки барои он ҳам зарур аст, ки дар ин замина баҳри таъмини имрӯзу фардои шукуфои халқу миллати хеш ҳиссагузор бошем».

Мо, ворисони миллат, имрӯз хуб медонем, ки теъдоди асарҳои фарзонафарзанди миллат Бобоҷон Ғафуров беш аз чаҳорсад ададро ташкил медиҳад, вале китоби безаволи «Тоҷикон» воқеан ҳам асари нотакрору бунёдист ва бешубҳа, садсолаҳои дигар барои халқу миллати мо ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ, асноди боэътимоду роҳнамо хидмат хоҳад намуд.

Бале, имрӯз бо як ифтихору сарафрозӣ иброз медорем, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун фарзанди фарзонаи миллат, аз рӯзҳои нахустини ба ҳайси Роҳбари давлат ба маснад нишастан саъю талош намудаанд, ки фарҳангу таърихи пурғановати ин миллати куҳанбунёдро ҳамаҷониба эҳё намоянд ва маҳз, бо ибтикорот ва ташаббусҳои созандаю самаровари ӯ анъанот, расму оинҳои миллӣ, фарҳангу маданияти миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ тарғибу ташвиқи ҳамаҷониба пайдо намуд. Бо унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон қадр намудани арбоби намоёни давлатӣ, муаррихи барҷаста ва олими забардасти миллат, сиёсатмадори зиндаёд, шодравон Бобоҷон Ғафуров низ яке аз сифатҳои неки қадршиносии Роҳбари заковатманду дурандеши кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбад. Боз ҳам сурурбахшу хотирмон он буд, ки Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми қаблиашон дастур доданд, то китоби «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуровро чун бузургтарин сарчашмаи худогоҳиву худшиносии миллӣ бо теъдоди зиёд чоп карда, ба ҳар як хонадони мардуми кишвар дастрас намоянд.

Мехоҳам андешаҳои хешро бо як гуфтаи инсонпарваронаю наҷиби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба қадру манзалати нотакрори аллома Бобоҷон Ғафуров ҳусни хотима бахшам: «Устод Бобоҷон Ғафуров дар радифи бузургтарин фарзандони Ватани мо қарор дорад. Агар Абулқосим Фирдавсӣ гузаштаҳои пурифтихори Ватанашро дар «Шоҳнома»-и безаволи худ пеши назари наслҳои нав ба нави инсонҳо ба ҷилва оварда бошад, айни ҳамин корро устод Бобоҷон Ғафуров дар китоби безаволи худ «Тоҷикон» бо санадҳои илмӣ анҷом додааст».

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

# НОҲИЯИ ВАНҶ ОБОДТАР МЕШАВАД

**Мардуми сарбаланди ноҳияи Ванҷ аз он ифтихорманд ва миннатдоранд, ки дар ин диёри пурганҷ мисли дигар шаҳру навоҳии кишвар бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёдкорӣ зиёд аст. Амалисозии чор ҳадафи стратегии Ҳукумати кишвар аз вазифаҳои муҳимтарини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ба шумор меравад.**

Таи 32 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин минтақа садҳо иншооти гуногун ва манзилҳои истиқоматӣ бунёд гардида, маркази ноҳия ва деҳоти он ба куллӣ дигаргун шуданд.

Яке аз шоҳкориҳои Роҳбари давлат бунёди роҳи байналмилалии автомобилгарди Душанбе-Кӯлоб-Дарвоз-Хоруғ-Мурғоб-Кулма мебошад. Ёдовар бояд шуд, ки ронандагону мусофирон роҳи зиёда аз 480-километраи Ванҷ-Душанберо пештар дар 13-14 соат мепаймуданд. Ҳоло бошад, ҳамагӣ 8-9 соат вақт кифоя аст.

Зимни яке аз сафарҳои кориашон ба ВМКБ Пешвои миллат қайд намуданд, ки: «Барои боз ҳам беҳтар намудани шароити инфрасохтории ноҳия корҳои омодасозии лоиҳа барои таҷдиди роҳи мошингарди Қалъаи хумб-Ванҷ-сарҳади ноҳияи Рӯшон ба масофаи зиёда аз 93 километр бо харҷи беш аз 2 миллиард сомонӣ идома дорад».



Сокинони Ванҷ аз он шукргузоранд, ки корҳои сохтмонӣ дар ин минтақаи шоҳроҳ моҳи июни соли 2023 оғоз ёфт. Дар деҳоти водиҳои баландкӯҳи Язгулом ва Ванҷи боло 8 пули мошингард бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд сохта шуд. Чанде пеш пули мошингузари мавзеи Ҷовидон-Потов дар даромадгоҳи водии Ванҷи боло ва роҳи бештар аз як километра то деҳаи Арнавад мавриди истифода қарор гирифт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2022-2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон намуданд. Ноҳияи Ванҷ аз ҷиҳати захираи маъданҳои кӯҳӣ дар миқёси мамлакат хеле ғанӣ аст. Дар мавзеи Пои мазори водии Ванҷи боло, ки навъи беҳтарини санги мармар мавҷуд аст, корхонаи саноатӣ то Ҷашни 35-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ сохта хоҳад шуд. Муҳимтар аз ҳама, баробари сохта шудани панҷ пули мошингард дар ин масир зиёда аз 12 километр роҳ мумфарш ва шағалпӯш гардид.

Дар маркази ноҳия, дар ҷойи иморати куҳнаи дар ҳолати садамавӣ қарордошта биноҳои бисёрошёнаи ҷавобгӯи талаботи меъморӣ ва шаҳрсозӣ бунёд мегарданд. Шаҳраки Рохарв симояшро ба куллӣ тағйир дода, қасри фарҳанг, маркази савдои «Ванҷ ситтӣ», биноҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, прокуратура, суд, андоз, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 4, шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, даҳҳо иншооти самти иҷтимоӣ, мумфаршу чароғон кардани зиёда аз 5,5 километр роҳҳои маркази ноҳия номгӯи нопурраи созандагиҳо мебошанд.

Инак, дар доираи истиқбол гирифтани Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия боз 113 иншооти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, саноатӣ ва роҳдорӣ бунёд мегардад. Сохтмони кӯдакистон барои 200 нафар, маркази хизматрасонӣ, бинои шуъбаи маориф, мактаби дуошёна барои таҳсили ҷавонони лаёқатманд ва иншооти дигар аз ҷониби соҳибкорон босуръат идома дорад.

**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА, «Садои мардум»**

Бозгашт ба мавзуъ

# ХАТЛОН. ЧАРО ВАЪДАИ РАИСОН ИҶРО НАШУД?

**Рӯзномаи «Садои мардум» се сол қабл, дар шумораи №100 (4050) 20.08.2019 маталаберо бо номи «Мушкилоти бистсолаи панҷ оила дар Кӯшониён» ба табъ расонда буд, ки дар он панҷ оила аз надоштани барқу набудани роҳ ва аз таълим дур мондани фарзандон шикоят карда буданд.**

Ин оилаҳо шикоят карда буданд, ки соли 1999, дар натиҷаи баланд шудани сатҳи оби дарёи Вахш манзилҳои зисти онҳо дар шаҳраки Бохтариёни ноҳияи Кӯшониён зери об монд. Бо ваъдаи бунёди инфрасохтори зарурӣ мутасаддиёни ҳамонвақта онҳоро се километр дур аз шаҳрак бо замини наздиҳавлигӣ таъмин карданд. Аммо бо гузашти 23 сол ва бо иваз шудани панҷ раиси вилояту панҷ раиси ноҳия ҳамоно мушкилоти ҷойдошта роҳи ҳал пайдо накардааст.

Аз миёни ин панҷ оила хонаводаи Одинаевҳо низ бо умеди беҳ шудани шароити зист ба сар мебаранд. Маҳмадалӣ Одинаев, фарзанди ин хонадон, иброз дошт, ки ба ниҳодҳои дахлдор пероmуни ин масъала расман муроҷиат кардааст.

- Чандин маротиба гурӯҳҳои корӣ омада, вазъияти зиндагии моро диданд. Ваъда доданд, ки дар зудтарин фурсат ин мушкилот ҳал мешавад. Лекин ваъдаҳои онҳо кай амалӣ мешаванд, номаълум, - бо таассуф зикр кард М. Одинаев.

Номбурда ҳамчун омӯзгори ҷавон барои ҷудо намудани қитъаи замин дар ягон мавзеи наздики деҳа ба мақомоти маҳаллӣ муроҷиат кардааст, аммо муроҷиатҳои бешумори ӯ натиҷа надод.

Раиси ноҳияи Кӯшониён Икромиддин Ваlизода дар чанд нишасти матбуотӣ ваъда кард, ки мушкилоти ин оилаҳоро бартараф мекунад. Боре гуфта буд, ки ба ин мавзеъ хати барқ кашида мешаваду роҳи он сангфарш мегардад. Дафъаи дигар ваъда дод, ки ин оилаҳоро ба дигар мавзеъ, ки дорои инфрасохтори зарурист, мекӯчонад. Собиқ раиси вилояти Хатлон низ дар нишасти матбуотӣ (моҳи августи соли 2022) ваъда дода буд, ки то фарорасии зимистони ҳамон сол мушкилоти ин оилаҳоро ҳал менамояд. Аз супориши раиси нави вилояти Хатлон низ, ки дар нишасти матбуотӣ (15 августи соли 2023) ба масъулон дода буд, қариб шаш моҳ сипарӣ шуд.

Дар он мавзеъ, ки ба ин панҷ оила замин ҷудо гардидааст, имкони ба дигар оилаҳо ҷудо намудани замини наздиҳавлигӣ вуҷуд дорад. Агар ба 15-20 оилаи дигар замин ҷудо гардад, дар якҷоягӣ онҳо метавонанд мушкилоти мавҷударо бартараф намоянд. Ин кор амалӣ гардад, деҳаи нав бунёд ва марҳила ба марҳила дигар камбудиҳо, аз қабили набудани мактабу бунгоҳи тиббӣ, бартараф мешаванд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

## РОҲИ АЭРОНАВИГАТСИОНИИ ТОҶИКИСТОНУ ЧИН БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД



**Соли 2023 аз фурудгоҳҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои дигар ширкати ҳавопаймоии ватанӣ - ҶДММ «Ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» ва 11 ширкати ҳавопаймоии хориҷӣ парвозҳои мунтазамро иҷро намудаанд.**

Дар ин бора директори Агентии авиатсияи граждании Дилшод Сафарзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Бино ба гуфти ӯ, соли сипаришуда ба фурудгоҳҳои байналмилалии кишвар 12 ҳазору 238 хатсайр аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоӣ анҷом ёфта, тавассути онҳо 3 миллиону 678 ҳазору 500 мусофир интиқол дода шудааст.

Иттилоъ дода шуд, ки КВД «Тоҷикаэронавигатсия» соли 2023 ба 51 530 ҳавопаймо хизмат расонд, ки нисбат ба соли пеш 11 дарсад зиёд мебошад. Дар ин давра 25971 парвози транзитӣ амалӣ шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 10 дарсад афзоиш ёфтааст.

- Соли 2023 бо мақсади зиёд намудани теъдоди парвозҳои транзитӣ тавассути фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон долони нави ҳавоии FUNSE дар сарҳади кишварҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба истифода супорида шуд. То ин давра байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Чин роҳи ҳавоии аэронавигатсионӣ мавҷуд набуд. Бинобар ин, дар асоси ҳамкориҳои дуҷонибаи соли гузашта розигии мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Мардумии Чин барои кушодани роҳи ҳавоии аэронавигатсионии POMIR (нуқтаи аэронавигатсионӣ дар дохили Тоҷикистон) - AGVUT (нуқта дар сарҳади Тоҷикистон/Чин) гирифта шуд. Барои кушодани роҳи аэронавигатсионии мазкур фармоиши муштараки Вазорати мудофиа ва Агентии авиатсияи граждании ба тасвиб расида, он 28-уми декабри соли 2023 ба истифода дода шуд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**




## ФУРУДГОҲ БА 295 ҲАЗОР МУСОФИР ХИЗМАТ РАСОНД



**- ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» соли 2023-юм 35 миллиону 313 ҳазору 443 сомонӣ фоида ба даст оварда, ба буҷети ҷумҳурӣ 19 миллиону 795 ҳазору 765 сомонӣ маблағ ворид намуд, - гуфт директори генералии фурудгоҳ Нуралӣ Ҳомидзода 29-уми январи соли 2024 зимни нишасти матбуотӣ.**

Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб соли 2023 ба 295 ҳазору 271 мусофир хизмат расонда, шумораи рейсҳои фурудгоҳ 928 ададро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022-юм 91,7 фоиз мебошад.

Изҳор гардид, ки соли 2023 теъдоди ҳодисаҳои ба таъхир гузошташудаи парвозҳо дар фурудгоҳ 44 ададро ташкил дод, ки 33 парвоз ба дер омадани ҳавопаймо, 9 парвоз ба номусоидии боду ҳаво ва 2 парвоз ба сабаби техникӣ рабт дошт.

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб 291 корманд фаъолият менамоянд, ки 48 нафарашон занон буда, музди меҳнати миёнаи онҳо 2450 сомониро ташкил медиҳад.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

## НИШАСТИ МАТБУОТИИ САЙЁР



**Нишасти матбуотии Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина», ки 29-уми январи соли 2024 доир шуд, аз нишастҳои қаблӣ фарқ дошт. Он ба таври сайёҳат-ошноӣ ба бинои нави замонавии «Телевизиони Сафина» доир шуд.**

Директори муассиса ва ҳайати эҷодӣ аз ошёнаи якум то ошёнаи панҷум рӯзноманигоронро роҳбаладӣ карда, имконият фароҳам оварданд, то бо рафти кор, сабти барномаҳо, пахши мустақими барномаҳои иттилоотӣ, дубляжи филмҳои бадеӣ, монтаж, ороиш ва дизайни саҳнаҳои барномаҳои телевизионӣ, бойгонӣ, китобхона, истироҳатгоҳи кормандони навбатдор, павилонҳои зебову барҳаво ва дастгоҳҳои сабткунии муосир аз наздик шинос шаванд.

Лозим ба ёдоварист, ки бинои замонавии Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина»-ро 13-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Дар бинои нав 8 студияи муҷаҳҳазу барҳаво барои сабти барномаҳои гуногун дар ихтиёри кормандон гузошта шудааст. Барои барномаҳои иттилоотӣ-таҳлилии «Субҳ ба хайр, Тоҷикистон» студияи алоҳида бо дизайни нав бунёд гардид. Барномаи мустақими иттилоотӣ - таҳлилии «Навид» ҳар рӯз 6 нашр бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ба эфир баромада, студияҳо бо таҷҳизоти нав таъмин мебошанд.

- Солҳои пеш барои ин ё он барнома саҳнаҳои алоҳида (бутафор) сохтан лозим буд, ки масолеҳу меҳнати зиёдро талаб мекард. Ҳоло ин корро як нафар рассом-дизайнер дар компютер ба зудӣ ва сифати баланд анҷом медиҳад, - иброз дошт директори муассиса Носир Саидов.

Иттилоъ гирифтем, ки соли сипаригашта идораи таҳия ва дубляжи филмҳои муассиса 60 филми бадеиро аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума ва дубляж кардааст.

**Тиллои НЕКҚАДАМ, «Садои мардум»**

## 52 ҲОДИСАИ НОХУШ БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД



**30-юми январи соли 2024 зимни нишасти матбуотӣ сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ Раҳим Санъат иброз намуд, ки соли 2023 хадамот дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 225 назорати техникӣ гузаронда, 2270 вайронкуниҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ошкор кард.**

Ҳамзамон, номбурда иттилоъ дод, ки соли 2023 дар корхонаю объектҳои зериназоратии хадамот 52 ҳодисаи нохуш ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷа 36 нафар ҳалок ва 34 кас ҷароҳатҳои ҷисмонӣ бардошаанд.

- Бо мақсади пешгирии чунин ҳолатҳо мутахассисони хадамот дар корхонаҳои саноатӣ, истеҳсолию хизматрасонӣ ва корхонаҳои кӯҳкорӣ вохӯрию машварат гузаронда, барои дар амал татбиқ кардани қонуну қоидаҳои бехатарӣ маслиҳатҳои муфид медиҳанд, - зикр кард ӯ.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ, «Садои мардум»**

## ДАР КӮҲИСТОНИ МАСТЧОҲ КАЛОНТАРИН КОНИ СУРМА КАШФ ШУД

**30-юми январ дар Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишасти матбуотӣ баргузор шуд.**



Сардори ин ниҳод Илҳомҷон Оймуҳаммадзода изҳор дошт, ки соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ аз рӯйи 29 лоиҳа омӯзиши геологӣ ба маблағи 17 миллиону 217 ҳазору 375 сомонӣ дар объектҳои металҳои сиёҳ, ранга, қимматбаҳо, нодир, сангҳои худҷило ва ороишӣ, гидрогеология, геологияи муҳандисӣ ва геоэкология ба роҳ монда шудааст, ки нисбат ба соли гузашта як миллиону 76 ҳазору 375 сомонӣ зиёд мебошад. Корҳои шартномавӣ бошад, аз рӯйи 191 лоиҳа ба маблағи 19 миллиону 59 ҳазору 896 сомонӣ ба иҷро расид.

- Натиҷаи иктишофи геологӣ дар соли 2023 назаррас буда, дар Ривути боло (Кӯҳистони Мастчоҳ) захираи пешакӣ баҳододашудаи сурма ва тилло кашф шуд. Тавсия дода мешавад, ки корҳои ҷустуҷӯию арзёбӣ ва иктишофи қаблӣ дар объекти мазкур минбаъд ба роҳ монда шавад, зеро натиҷаҳои бадастомада яке аз конҳои калонтарин будани онро тасдиқ мекунад, - зикр кард номбурда.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

## АКАДЕМИЯ БАРОИ ТАЙЁР КАРДАНИ МУТАХАССИСОНИ РАҚОБАТПАЗИР КАФОЛАТ МЕДИҲАД

**30-юми январ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишасти матбуотии муассиса баргузор гардид.**




Ректори академия иттилоъ дод, ки дар муассиса машғулияту омӯзиш ва дарсҳо асосан ба забони давлатӣ, русӣ ва англисӣ ҷараён гирифта, ҳамасола аз он беш аз дусад нафар донишҷӯ барои табодули афкору таҷрибаомӯзӣ ба шаҳрҳои Москва, Екатеринбург, Остона ва ғайра фиристода мешаванд. Бо ин мақсад то ин дам 67 нафар донишҷӯ сафарбар шудаанд.

Имрӯз дар академия 4873 нафар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки наздик ба 2000 нафарашон дар шуъбаи рӯзона илм меомӯзанд.

- Дар академия хизматчиёни давлатӣ аз рӯи ихтисоси «Идораи давлатӣ» ба омӯзиши яксола ва шахсоне, ки дипломи зинаи бакалавр ва ё мутахассис доранд, ба муҳлати ду сол аз рӯи ихтисосҳои гуногун ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Ҳамзамон, академия докторантони зинаи докторантураи PhD ва унвонҷӯёнро бо роҳбарони унвондору соҳибтаҷриба ва баландихтисос таъмин менамояд. Академия барои баланд бардоштани сифати таҳсил ва тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии рақобатпазир дар зинаи докторантура ва унвонҷӯӣ дар сатҳи байналмилалиро кафолат медиҳад, - зикр кард ректори муассиса.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

## ҲАМКОРӢ БО 125 ДОНИШГОҲ



**Ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ Қудрат Давлатзода зимни нишасти матбуотӣ 30-юми январ, аз ҷумла, иттилоъ дод, ки дар донишгоҳ панҷ шурои диссертатсионӣ фаъолият менамояд, ки фарогири 13 ихтисоси PhD ва 13 ихтисоси илмии анъанавӣ мебошанд. Дар маҷмӯъ, соли 2023-юм 22 устоди донишгоҳ рисолаҳои илмиро ҳимоя намуданд, ки аз онҳо 21 рисолаи номзадӣ ва 1 рисолаи докторӣ мебошанд.**

- Соли 2023 донишҷӯёни донишгоҳ дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм - фурӯғи маърифат» фаъолона иштирок намуда, 7 нафари онҳо ҷойҳои якум ва дуюмро ишғол намуданд, - зикр кард Қ. Давлатзода.

Дар соли 2023 шумораи хатмкунандагони донишгоҳ 1976 нафарро ташкил медиҳад, ки 71 нафарашон соҳиби дипломи аъло гаштаанд.

Донишгоҳ ҳамкориҳои байналмилалии худро ривоҷ дода, дар маҷмӯъ, бо 125 донишгоҳ ва созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ дорад.

Соли таҳсили 2023-2024 ба донишгоҳ 102 донишҷӯи хориҷӣ аз кишварҳои Ӯзбекистон, Россия, Афғонистон, Чин, Туркманистон ва Қатар дар зинаҳои гуногун ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

## ДОНИШГОҲ ДАР РЕЙТИНГ ҶОЙИ АВВАЛРО ИШҒОЛ НАМУД

**Бо иқдоми созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хиёбони Рӯдакӣ -139 Пажӯҳишгоҳи тибби бунёдӣ таъсис дода шуд. Дар ин бора Маҳмадшоҳ Гулзода, ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**



Дар соли таҳсили 2023-2024 аз 27 давлати дунё 1793 донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шуда, таҳсил бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст. 60,9 дарсади донишҷӯён бо забони русӣ, 25,7 дарсад бо забони давлатӣ ва 13,4 дарсад бо забони англисӣ таҳсил мекунанд.

Соли 2023 донишгоҳ дар рейтинги беҳтарин донишгоҳҳои Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинги Ҷумҳурии Қазоқистон иштирок намуда, дар номинаи беҳтарин донишгоҳҳои тиббии кишварҳои Осиёи Марказӣ, Молдова ва Беларус мақоми аввалро ишғол намуд.

Аз шумораи умумии хатмкунандагон 14 донишҷӯи ватанӣ ва 2 донишҷӯи хориҷӣ ба гирифтани дипломи аъло шарафёб гардиданд.

**Тилло НЕКҚАДАМОВ, «Садои мардум»**

## ШУМОРАИ ЗАНОН ДАР ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ МЕАФЗОЯД



**Директори Агентии хизмати давлатӣ Ҷумъа Давлатов изҳор дошт, ки соли 2023 ба агентӣ 5773 (дар соли 2022 - 5739) мавод, аз ҷумла 580 муроҷиати хаттии шаҳрвандон ворид гардида, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.**

То 1-уми январи соли 2024 дар мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот теъдоди умумии бастҳои корӣ 21949 воҳидро ташкил дода, теъдоди хизматчиёни давлатии амалкунанда 18180 нафар (82,8 фоиз) ва шумораи ҷойҳои холӣ 3769 адад (17,1 фоиз) мебошад. Занон дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ, дар маҷмӯъ, 4569 нафар ё 25,1 фоизро ташкил дода, ҷалби онҳо дар ҳоли афзоиш аст.

**Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»**

## ЭМГУЗАРОНИИ 17 МИЛЛИОНУ 792 ҲАЗОР САР ҲАЙВОНУ ПАРАНДА

**Раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣ Муҳаммадсаид Файзуллозода дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки соли 2023-юм 690207 сар чорвои калони шохдор аз санҷиш гузаронда шуда, дар натиҷа, 712 сар чорвои гирифтори бемории брутселлёз ошкор ва тибқи дастурамал забҳ гардиданд.**



Барангезандаҳои бемориҳои сӯхтанӣ дар 14 ҳолат, бемории сиёҳрон - 3, ҳорӣ - 34, брадзоти гӯсфандон дар 5 ҳолат, ҳамчунин, 2 ҳодисаи гирифторӣ ба пастерелёзи чорвои калони шохдор ва 1 ҳодисаи гирифторӣ ба пастерелёзи чорвои хурд ба қайд гирифта шуд.

Дар давраи мавриди назар нисбат ба 1854 нафар санади ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, 425349 сомонӣ ҷарима ба буҷети давлат ворид гардид.

Соли 2023 ба маблағи беш аз 4 миллион сомонӣ маводи байторӣ харидорӣ ва ба шаҳру ноҳияҳо дастрас гардид. Аз ин ҳисоб бештар аз 17 миллиону 792 ҳазор сар ҳайвону паранда эмгузаронӣ шуданд.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

## ДАР ДДТТ НЕРУГОҲИ ОФТОБӢ БУНЁД МЕГАРДАД

**31-уми январ зимни нишасти матбуотӣ ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Хайрулло Назарзода иттилоъ дод, ки донишгоҳ мутахассисони рақобатпазири соҳаи иқтисодиро аз рӯи 36 ихтисоси бакалавр, 10 магистратура, 14 ихтисоси барномаи PhD ва 6 ихтисоси таҳсилоти дуюми олии касбӣ тайёр менамояд.**

Бо мақсади ташкили раванди таълим дар истеҳсолот соли гузашта 4 филиали кафедраҳои тахассусии донишгоҳ дар назди муассиса ва ташкилоту корхонаҳо кушода шуда, қисми алоҳидаи дарсҳо бо донишгоҳҳои дохил ва хориҷи мамлакат маҷозӣ гузаронда мешавад.



Иброз гардид, ки дар донишгоҳ татбиқи амалии «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2023-2027» роҳандозӣ шуда, бо ин мақсад насби неругоҳи офтобӣ бо тавоноии 5040 Вт оғоз гаштааст. Неругоҳ аз 9 панели монокристалии офтобӣ бо тавоноии ҳар кадоме 560 Вт бо иқтидори истеҳсоли зиёда аз 5 кВт. соат неруи барқ дар як шабонарӯз иборат мебошад. Неругоҳ дар доираи ҳамкории донишгоҳ бо ширкати ватании «ТГЭМ» сохта шуда, ҳоло дар даромадгоҳи асосии муассиса корҳои насбу васли таҷҳизоти неругоҳ идома дорад ва рӯзҳои наздик ба кор шурӯъ мекунад.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**



## КАМ ШУДАНИ ТАВАҶҶУҲИ ДОВТАЛАБОН БОИСИ НИГАРОНИСТ

**- Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар зинаи бакалавр дар курси якум донишҷӯён аз рӯи 36 ихтисос, курси дуюм - 31, курси сеюм - 30, курси чорум - 33 ва дар зинаи магистратура аз рӯи 11 ихтисос ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ ректори донишгоҳ Илҳом Амонзода.**

Шумораи донишҷӯён 3460 нафар мебошад. Соли таҳсили 2022-2023-ро 856 донишҷӯ хатм намуда, ин шумора нисбат ба соли пешин 5 фоиз зиёд аст. Аммо нисбатан кам гардидани теъдоди дохилшудагон дар соли таҳсили 2023-2024 боиси нигаронист. Аз рӯи 36 ихтисос 1343 ҷой пешбинӣ гардида буд, аммо ба донишгоҳ 762 донишҷӯ қабул гардидааст, ки 56,7 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

# САДА. АЗ УСТУРАВУ БОВАРҲО ТО ҶАШН

(Идома аз саҳ. 2)

Барои бардошти фоли нек ба инсонҳо номҳое мениҳоданд, ки ба меҳру меҳрубонӣ, рӯшанию нур тавъам бошанд. Чуноне падарбузурги Куруши Бузург Ҳуром ном дошт, ки тулӯи офтоб, инсони шоду хандонрӯ (аз курдӣ - писари хушахлоқ) маънидод мешавад.

Пас аз инсон ҷонварон чун рамзи неруҳои некӣ ба мубориза бармехезанд. Дар бештари ҳолатҳо ба тарики рамзӣ шер ҳамчун тимсоли офтоб дар осори таърихӣ муҷассам мешавад. Дар ин раванд бозёфтҳои бостоншиносӣ ба мо маълумот медиҳанд. Яъне, дар натиҷаи густариш ва таҳкими устувор гардидани боварҳо андеша ба санъат ва адабиёт мекӯчад. Гоҳе мо тасвирҳоро бо ширкати шеру гов бо аждару махлуқоти афсонавӣ дарёб мекунем. Ҳамин гуна тасвирот дар осори Тахти Сангин ва Тахти Ҷамшед возеҳу рӯшан мебошанд.

Бештари олимон дар андешаанд, ки ҷашнвораҳо ба хотири ҷудо кардани мавсими сол аст. Дар ин сурат нуктаи асосӣ сари шаби чилла қарор мегирад. Ин гуна ҳисоб аз таҷрибаи халқҳои қадим аст. Аз сабабе ки дар Бобул ду ид, яке Акиту дар моҳи Ташрит ва дигаре Ниссан вуҷуд дошт, 6 моҳ дар тақвим ҷой гирифта буд. Гесиод низ ҳамин нуктаро тасдиқ мекунад, ки гоҳшуморӣ барои муқаррар намудани фаслҳои сол буд, ки бунёдаш ба зироаткорӣ мекашид. Мувофиқи ҳисоби бобулиён фасл аз шаш моҳ иборат буд.

Дар ҳамин раванд, ҷашни Сада ва Шаби ялдо (чилла) иртиботе бо зардуштия надорад. Гумон меравад, ки бештар ба митроизм пайвандӣ дошта, пасон ба сафи эзидони зардуштӣ ворид шудааст. Шояд, қабл аз митроизм низ бошад, вале комилан иттилоъ надорем. Агар ба моҳрӯзи куҳан таваҷҷуҳ зоҳир намоем, мувофиқи асноди таърихӣ бармало мешавад, ки тақвими зардуштӣ, ҳамоне ки ба Эрони ғарбӣ рафта буд, ба дарбори ҳахоманишиён роҳ ёфт. Дар заминаи ахбори Абурайҳони Берунӣ, зикри гоҳшумории зардуштӣ дар империяи ҳахоманишиён дар соли 441 то мелод ба назар мерасад.

Қисмате аз пажӯҳишгарон дар он ақидаанд, ки ибтидо аз тақвим ва анъанаҳо идвора ба эрониён аз Бобулиён ва Байнаннаҳрайн расидааст, вале беҳтар мебуд аз таъсири мутақобила сухан мерафт. Мувофиқи пажӯҳишҳои Крамер ва Оппенхейм фарҳанги Байнаннаҳрайн бештар хосиятҳои материалӣ дорад ва ба ҳаёти рӯзмарраи мардуми минтақа алоқаманд аст. Дар онҳо сирф сифатҳои устувори маънавӣ, рӯҳонӣ, равонӣ ва ба олами улвӣ пайваст будани инсонҳо вуҷуд надорад. Чуноне ки аз «Фар» -и эрониён бармеояд.

Аз асароти мутақобила низ сухан гуфтан ҷоиз ат. Чуноне дар сарзаминҳои паҳновар роҳ ёфтани тираҳои ориёӣ ҳодисаи маъмули аҳди қадим буд. Аз навиштаҳои хати мехии бобулӣ ва папирусҳои оромӣ маълум мегардад, ки дар замони ҳахоманишиён муғҳои эронӣ ба Бобул ва Миср рафта, маросими диниро ба ҷо меоварданд. Он қадар оини зардуштӣ дар Ғарб маъмул буд, ки пораҳои асари Арасту андар боби муғон то замони мо расида, муаррихон Ксанф (асри V, муаллифи лидӣ), Берос (бобулӣ), Плутарх, Диоген (юнонӣ) ва даҳҳои дигар дар бораи Зардушт ва оини он асар эҷод кардаанд. Яъне, натиҷаи таъсири кӯтоҳмуддат на, балки тӯлонист.

Дар аҳди Сосониён манзара дигаргунтар аст. Сосониён аз гузаштагони этникии худ - ҳахоманишшиён ва ашкониён дар кори дин таҷрибаи зиёд ҷамъ карда буданд. Аз ин овон, гумон мекунам, ки Сада ба оину кеш пайвандӣ ёфта бошад. Ҷашнвораҳо ба хотири талқину тарғиби оини зардуштӣ силоҳи муқтадир буданд, зеро дар ин аҳд ҷойгоҳи дин ба дараҷае расида буд, ки натиҷааш дар ҳамон шиори маъмули «Тахт такягоҳи меҳроб ва меҳроб муттакои тахт аст», рӯшан мешавад.

Бино ба пажӯҳиши В. Г. Луконин, дар фарҳанг, ҳунар ва иҷтимоиёти Эрон дини зардуштӣ ва муъбадони он таъсири бузург доштанд, ки дар ҷомеаҳои дигари эронӣ ба мушоҳида намерасид. Дар соли 955 Абдудавла ба катибаҳои вайронаҳои Персеполис ба василаи муъбади маъбади оташи Козерун Морасфанд ошно шуд, ки ба забонҳои форсии қадим, паҳлавӣ ва юнонӣ ҳаккокӣ шуда буданд. Маъбади Козерун аз оташгоҳҳои оини зардуштӣ буда, ҳангоми ҷашну маросим истифодаи паҳновар дошт.

Асноди хеле муҳим натиҷаи пажӯҳишҳои экспедитсияи бостоншиносии Амрико дар наздикии Истахр дар Нақши Рустам ба шумор меравад. Ба қавли В. Г. Луконин, ин минтақа як навъ осорхонаи зиндаи таърихи пуршарафи Эрон аст. Чуноне зикраш рафт, Абдудавла онро «Ганҷури мактубҳо» номида буд, ки «Дижи напишт» низ хонда мешавад. «Дижи напишт» ганҷури ҳуҷҷатҳои расмӣ, қоидаю аркони дин ва феҳристи китоби муқаддаси «Авесто» мебошад. Қарин ба он дахмаи шоҳони ҳахоманишиён воқеъ аст, ки бо унвони «Каъбаи Зардушт» маъруф буда, аз аҳди қадим аз зумраи парастишгоҳҳост. Тасвири он дар сиккаҳои шоҳони Форс, ҳамчун нишони арҷгузорӣ ва эътиқод аз асри III то мелодӣ то асри III мелодӣ нақш меёфтанд. Дар паҳлу ё гӯшае, гоҳе тасвиру рамзи худои олии рӯшанӣ ва некӣ Аҳурамаздо ҷой дода мешуд.

Ба тахмини В. Г. Луконин, ҳамон маъбади оташ буд ва ё маъбади эзиди занону обу фаровонҳосилӣ Аноҳита, ки аз қадим бо оташи муқаддас тавъам буданд. Зимнан, дар бовару шуури эрониёни қадим обу оташ аз ҳам ҷудо нестанд ва эзидонашон ҳам паҳлуи ҳам зикр мешаванд. Бар идомаи мулоҳизоти қаблӣ бояд қайд кунам, ки дар сиккаҳо тасвири эзиди дигари зардуштӣ Митра маъмул буд, ки дар аҳди Кӯшониён ривоҷ дошт. «Дафинаи Амударё» дар Тоҷикистони ҷанубӣ (ёдгории Тахти Сангин) ҳамин гуна аснодро дорад. Дар барбари маъбади Оахшо – ба иззати рӯди Вахш, дар дили ёдгорӣ маъбади оташ вуҷуд низ дошт. «Аз рӯи чизҳое, ки ба таркиби ба истилоҳ «Дафинаи Амударё» дохил мешаванд, яъне аз рӯи маҷмаи миқдори зиёди ашёи заргарӣ, асосан, аз симу зар сохташуда (ҳамагӣ 180 адад, аввалҳо зиёдтар будааст) ба низ пулҳои тилло ва нуқра дар бораи дараҷаи тараққиёти пешаи санъатварӣ дар Бохтар фикру мулоҳиза рондан мумкин аст».

Он чӣ дар мавриди парастиши эзиди Аноҳита гуфта шуд, чӣ дар Осиёи Марказӣ ва чӣ марзҳои Эрони кунунӣ фарқият зиёд нест. Дар ҳар ду самт ба арҷ ниҳодани Ардависура Аноҳита тамоил вуҷуд дошт. Агар «Каъбаи Зардушт» иртиботе бо ин илоҳа дошта бошад, пас дар Тахти Сангин низ муқаддасоти оташу Аноҳита рӯшани рӯшан аст. Гиршман муътақид бар он аст, ки «...дафинаи Амударё як қисми хазинаи маъбади машҳури дар Бохтар будаи Аноҳита аст, ки эҳтимол, дар вақти ҳамлаи Искандари мақдунӣ ва ё салҷуқӣ хароб гардида бошад».

Дар Тахти Сангин ба ҳам омадани маъбадҳои обу оташ ва эзиде, ки вакили ду муъҷизаи бузург аст ва низ дар Эрон чунин мушоҳида мешавад, мулоҳизаи дигарро ҳосил мекунад. Ҳамин ҳолат дар шаҳри қадими Карон эҳсос мегардад. Дар Карон оташгоҳ ва маъбади об кашф гардид, ки тавъам будани обу оташ ва парастиши яксони онҳоро намоиш медиҳад.

Дар аҳди Сосониён дини зардушти мақоми олиро дар ҷомеа ба даст овард. Бо ин сабаб ҷойгоҳи муъбадони зардуштӣ боз ҳам устувортар гардид. Аз ҷумла, муғпат Картир афзалиятҳои зиёд дошт, бо истифода аз он мавқеи динро мустаҳакамтар кард ва шумораи маъбадҳои оташро зиёд намуд. Маблағу маросими қурбониҳо дар итоати ӯ буданд. Дар замони шоҳаншоҳии Шопури 1 Картир маъбади бузурги оташро бино намуд ва дар аҳди Ҳурмузд Ардашер соҳиби «кулоҳу камар» шуд, ки нишонаи баландтар гардидани мартабаи ӯ буд.

Дар «Динкард» (ба андешаи В. Г. Луконин бандубасташ ба асри IX рост меояд) аз ҳирбад ё «Номаи муғпат Тусар (Тансар)» ёд мешавад, ки шореҳи «Авесто» буд ва дар сиёсат нақши барҷаста дошт. Дарвоқеъ, қонуну қоидаҳои иҷтимоии даврони сосонист, ки пас аз «Авесто» ва катибаҳои Кӯҳи Бесутун пураҳамият буда, бо унвони «Номаи Тансар» дар баробари «Худойномак» аз тарафи ибни Муқаффаъ аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шуда, дар сиёсати давлатдорони сосонӣ таъсир гузошт.

Бино ба навиштаи В. Г. Луконин, дар мағзи Шопур андешаи ғалатӣ давр мезад, ки барои тамоми Ғарб дини ягонае бисозад. Ин идеяро Картир пешво буд. «Мувофиқи маълумоти муаррихи бобулӣ Беросс Ардашери II муҷассамаи илоҳа Аноҳитаро барои эҳтиром дар Бобул, Шуш, Экбатон, Истахр, Бохтар, Димишқ ва Сардаҳ гузошт». Вале бо дастовардҳои пай дар пайи ҷангӣ нақша ва ғояи тоза: эроникунонии сарзаминҳои забткарда ба ҷойи аввал баромад. Барои тезтар амалӣ кардани ҳадафҳояш дар ҳар ҳаракаташ Шопур муъбадонро бо худ ҳамроҳ мебурд.

Ба василаи дигар муъбадон дар паҳлуи шоҳону волиён буданд. Аз рӯи манбаъҳои таърихӣ чанд сол дар Эрон хушксолӣ воқеъ шуд. Бо ҳамин иллат Фирӯзи Анушервон аз мардум хироҷ наситонд: «Ва дарҳои хазинаи худро кушоду аз молҳое, ки ба оташкадаҳо тааллуқ дошт, ҳар кас мехост, бад-ӯ вом медод. Ва тамоми он молҳоро ба мардуми Эрон дод... Ва дар ҳамаи ин чанд сол, ки қаҳту геронӣ буд, касе аз гуруснагӣ намурд».

Манзур аз ахбор дар бунёди маъбадҳои оташ дар сарзаминҳои паҳновар ҳамон ғояи зардуштии муборизаи рӯшанию накӯӣ, ростию дод бар торикию зулмот ва дурӯғу бедодӣ буд. Сарчашмаи асосии таълимоти Зардушт муборизаи ду неру: Аҳурамаздо ва Аҳриман ба шумор мерафт. Дар сарчашмаҳо дар бораи ҷашнвораи Сада ва оину маросими он ба дурустӣ ва рӯирост маълумот каманд, вале мантиқи таърихӣ имкон медиҳад дар ин хусус ҳарф бизанем, зеро арҷ ниҳодани оташ дар бунёди маъбадҳо намоён мегардад, чунки муъбадон дар нигоҳдорӣ, иҷрои урфу одатҳои муқаддас донистани оташ, қурбониҳо ва дигар анъанот масъул буданд. Шояд амалҳое буданд, ки ҳар рӯз иҷро мешуданд, зеро дар оини зардуштӣ ҳар рӯз рӯзи офтобу оташ буд ва бе мавҷудияти онҳо ҳаёт сарду хомӯш мегардид. Ё шояд, навиштаҳое дар бахши маросими Сада дар аҳди қадим аз миён рафтаанд ё ба дасти мо нарасидаанд.

**Ҷонибек АСРОРИЁН, фарҳангшинос**

